# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.05.2024, №40**

Барои сазовор донистани Расулов Ҷовид Қурбонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 26 марти 2024 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №54 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Расулов Ҷовид Қурбонович, ҳоло ба ҳайси муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Расулов Ҷовид Қурбонович, соли таваллудаш 13.01.1992, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии тоҷикисон мебошад.

Номбурда соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Ӯ солҳои 2012-2015 ҳамчун мутахассиси шуъбаи таҳлили хавфҳо ва сипас мутахассиси дараҷаи 2-юми шуъбаи бозори асъор дар Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиашро оғоз намудааст. Як муддати кӯтоҳ (аз 24.08.2015 то 1.10.2015) ҳамчун эксперти хурди муваққатӣ дар лоиҳаи “Коркард ва истифодаи захираҳои маъданӣ” дар ташкилоти байналхалқии GIZ. Аз 17.10.2015 то 26.05.2016 ба ҳайси аудитори бахши баҳодиҳии амвол дар ҶДММ “Ал-шарқ” фаъолият намудааст. Аз 1.09.2017 то 1.03.2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ва аз санаи 1.03.2019 то 1.09.2021 дар вазифаи ҷонишини декан оид ба корҳои таълимии шуъбаи хониши фосилавӣ дар факултети иқтисодии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт.

Аз соли 2021 то имрӯз ҳамчун муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратмаҷлиси №5 аз 20.04.2013 сол тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Умаров Хоҷамаҳмад** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- **Исайнова Манижа Ҳисайновна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллимаи калони кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тафсири мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии ш.Кулоб ба номи А.Рудакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДК Сафаров А.А. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №9, аз 25.04.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ш.Кулоб д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Қайд шудааст, ки Расулов Ҷовид Қурбонович довталаби дараҷаи илмӣ дар умум зиёда аз 10 интишори илмӣ дорад, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 6 адад мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаб доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Расулов Дж.К. /Проблемы рационального использования земельных ресурсов в Республике Таджикистан. [Текст]// Ашуров И.С., Расулов Дж.К., Рахимов З., Паймон Джуразода, Куватов М.А. //Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава: серия

гуманитарных и экономических наук. Том 2. 2017. № 1-4 (49). – С.269-275. ISSN 2309-6764.

[2-М]. Расулов Ҷ.Қ. Проблемаҳои истифодаи захираҳои энергия дар минтақаи Хатлон [Матн] // Расулов Ҷ.Қ., Раҳимов З.С., Куватов М.А. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. Том 2. – Бохтар. – 2018. - №1/4(57)- С.97-103. ISSN 2663-5534.

[3-М]. Расулов Дж.К. Особенности инновационной деятельности в сельском хозяйстве [Текст]/ Расулов Дж.К., Сафарова А.Дж., Баходурова К. //Вестник ТАУ имени Шириншо Шохтемура, “Кишоварз”. 2019. № 1 (81). – С.161-164. ISSN 2074-5435.

[4-М]. Расулов Ҷ.Қ. Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиии минтақа ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ [Матн] / Расулов Ҷ.Қ., Шералиев Э.Н.// Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ “Кишоварз”. 2021 №4.- С.134-138. ISSN 2074-5435.

[5-М]. Расулов Дж.К. Уровень продовольственной безопасности в условиях устойчивого развития. [Текст]// Расулов Дж.К. //Вестник РТСУ. 2021. №3-4(75)- С.152-158. ISSN 2077-8325.

[6-М]. Расулов Ҷ.Қ. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа. [Матн]// Умаров Х.У., Расулов Ҷ.Қ.// Маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2023. №4/2 (50).- С.406-412. ISSN 2308-054X.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Расулов Дж.К. Государственные функции регулирования механизмов привлечения инвестиций в энергетику и их реализация в Республики Таджикистан [Текст]/ Расулов Дж.К. Материалы республиканской научно–практической конференциии на тему: «Эффективность использования финансово-кредитных и установление оптимальных пропорций финансовых ресурсов для обеспечения ускоренного и эффективного развития экономики Республики Таджикистан» (4 мая 2018). Душанбе. - С. 156-160.

[8-М]. Расулов, Ҷ.Қ. Танзими давлатии бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа [Матн]/ Ҷ.Қ. Расулов, Ҷ.М. Бобоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (11-12 ноябри соли 2022). – Душанбе: АИДНПҶТ. - 2022. - С. 342-348.

[9-М]. Расулов Ҷ.Қ. Сармоягузорӣ ба рушди минтақаи Хатлон ҳамчун самти муҳимми таъмини бехатарии озуқаворӣ [Матн] / Ҷ.Қ. Расулов, Ҷ.М. Бобоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (07.12.2023с). – Душанбе: ДДМИТ. 2023. – С.103-106.

[10]. Расулов Ҷ.Қ. Таъмини бехатарии озуқаворӣ- самти муҳими сиёсати воридотивазкунандаи давлат [Матн] / Ҷ.Қ. Расулов, Э.Н. Шералиев, Ҷ.М.

Бобоев// Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” (23.12.2023с). - Душанбе: ДДМИТ. 2023. – С.67-71.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Раҳматзода Ҳ.Б. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

**1.** Муаллиф, ба фикри мо, мебоист ба чунин мушкилоти назариявӣ ва методологӣ оиди бехатарии озуқаворӣ, танзими бозори озуқаворӣ дар асоси алоқамандии мантиқии танзими давлатии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, худтанзимкунии бозорӣ ва маркетинг аҳамият медод.

**2. Исмоилов М.М.- д.и.и., профессори МДТ дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров** бо чунин эродҳо пешниҳод шудаааст:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар ҷанбаҳои назариявии идоракунии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва хусусиятҳои хоси минтақавии истифодаи самараноки онҳо бештар диққат медод, ки он сифату арзиши кори мазкурро баланд менамуд;

2. Дар автореферат масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз ҷумла вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон камтар аҳамият дода шудааст ва маълум аст, ки ин омил дар таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши калон дорад.

**3. Расулова Д.Б. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисоди факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав**, бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферат хулосаву тавсияҳо ба таври фишурда оварда шудааст. Хуб мешуд, ки диссертант онҳоро ба таври васеъ баён менамуд.

**4. Олимов А.Х. -номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар қисмати назариявӣ ва хусусиятҳои минтақавии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз ҷумла сатҳи зиндагии аҳолӣ бештар диққат медод, сифату арзиши диссертатсияи мазкур боз ҳам баландтар мешуд;

2. Агар муаллиф, ҳангоми баҳои самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба масъалаҳои экологӣ диққат медод, арзиши баҳои захираҳои замин боз ҳам самараноктар мегардид.

Ҳамаи тақризҳои мазкур мусбат мебошанд ва қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор

дар доираи вобаста ба мавзуъ: танзим ва дастгирии минтақа мебошад. Мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ш.Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** 1) самтҳои асосии истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа бо назардошти хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, фаъолгардонии ҷалби бештари сармояҳо ба рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, бахусус рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст; 2) Имконияти ба даст овардани натиҷаҳои хуби иқтисодӣ-иҷтимоӣ тавассути алоқаҳои ҳамгироии истеҳсолӣ исбот гардидааст; 3) самтгирии рушди минбаъдаи комплекси агросаноатӣ ва инфрасохтори иҷтимоии деҳот баҳри ташаккули бозори дохилии озуқаворӣ ва бо ин васила таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақа нишон дода шудааст, ки дар умум ғояи расидан ба амнияти озуқавории минтақавиро дар асоси худтаъминкунӣ ва худкифоягии маводи озуқаворӣ дар ҳудудҳои алоҳида мукаммал мегардонад.

- ***пешниҳод шудааст:*** фарзияи асили илмӣ, ки истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мусоидат карда, омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ маҳсуб меёбад, исбот карда шудааст.

- ***исбот шудааст зарурати:*** а) дастгирии давлатии рушди минтақаҳои кишвар ва истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ; б) истифодаи оқилонаи заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ; в) беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ, рушди соҳаҳои кишоварзӣ; г) ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ.

- ***ҷорӣ намудани*** механизм ва усулҳои нави танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа дар асоси татбиқи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар минтақаи алоҳида пешниҳод гардидааст, ки ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти безарар ва миқдори кофии маводи озуқаворӣ, ки он ба саломатӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки:**

- дар консепсияи таъмини амнияти озуқаворӣ унсури «баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравию табиӣ ҳамчун омили таъмини

бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақа» ворид карда шудааст, ки ба назарияҳои бунёдии иқтисодӣ ва дидгоҳҳои олимони ватанию хориҷӣ мувофиқат мекунад ва дар навбати худ, консепсияи амнияти озуқавориро пурратар мегардонад.

- таҳқиқоти анҷомёфта барои аз ҷиҳати илмию назариявӣ асоснок намудани зарурат ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ маҳз дар сатҳи вилояти Хатлон, ки калонтарин минтақаи агросаноатии кишвар маҳсуб меёбад ва бо ин роҳ ноил шудан ба дараҷаи кофии таъмини бехатарии озуқаворӣ мусоидат менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** маҷмуи методҳои монографӣ, оморӣ, математикӣ-иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурда шудааст, ки натиҷабахшии баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравию табиӣ ва таъмини бехатарии озуқавориро дар минтақа, асоснок намудани натиҷаҳои назариявию амалӣ ва хулосаю пешниҳодҳоро таъмин намудааст.

- ***баён шудани*** зарурати истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҷиҳати таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар бо назардошти: 1) афзоиши аҳолӣ боиси зиёдшавии талабот ба маводи озуқаворӣ гардида, имконияти қонеъгардонии он дар минтақаҳои кишвар минбаъд боз ҳам мушкил мегардад; 2) пешгирии бухрони озуқаворӣ дар минтақа ба хотири бартараф намудани садди роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии тамоми кишвар.

- ***ошкор гардидани*** ҷанбаҳои назариявии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ бо назардошти: а) хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои кишоварзӣ; б) зарурати ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ; в) вазифаи аввалиндараҷаи иқтисодиёти минтақа эълон гардидани ба даст овардани миқдори кофӣ ва сифатноки озуқаворӣ, ки дар заминаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ба даст меояд.

- омӯхта шуданд: 1) вазъи муосир ва динамикаи истифодаи самараноки захираҳои замину об дар минтақаи Хатлон; 2) сатҳи пасти таъмини бехатарии озуқаворӣ тайи солҳои охир; 3) оқибатҳои ногувори он дар шакли камчинии маводи ғизоӣ ва бад шудани вазъи саломатии аҳолӣ, ҳолати вазнини экологӣ ва демографӣ, рушди ғайрисамараноки соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ.

- ***аз нав такмил додани:*** 1) таърифи мафҳуми «иқтидори захиравӣ-табиӣ», ки ҳамчун ҷузъи асосии захираҳои табиӣ минтақа, ки ба таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ, маҳсулотҳои аз нигоҳи сифат ва экологӣ тозаи маҳсулотҳои озуқаворӣ, коркарди саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ, беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи экосистемаи минтақавӣ равона карда шудааст; 2) механизми танзими бозори озуқаворӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ, беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ, рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, пешниҳоди ҳавасмандиҳои андозию молиявӣ ба молистеҳсолкунандагони ватанӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия ба самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти комили он, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди омодасозии матни лексияҳо аз фанҳои таълимии «Иқтисодиёти аграрӣ», «Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ», «Иқтисодиёти минтақаҳо» ва «Менеҷмент ва маркетинги бонкӣ» истифода шудаанд (санади тасдиқкунанда аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №706/дс аз 04.12.2023). Инчунин, маълумотнома аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.10.2023, таҳти №5/7-903 аз 16.01.2024 оид ба татбиқи натиҷаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ мавҷуд аст.

- ***муайян карда шуд:*** низоми шаклҳои нави хоҷагидорӣ**,** ки бо имконияти молиявии истеҳсолкунандагони худии кишоварзӣ ва истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва диферсификатсияи минтақаҳо, худтаъминкуни озуқаворӣ барои дар сатҳи зарурӣ ва ба саломати одамон безарар, аз ҷумла маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва рушди устувори минтақа нигаронида шудааст.

- ***офарида шуд:*** модели истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлон, ки аз маҷмуи чорабиниҳои дастаҷамъонаи ташкилӣ-иқтисодӣ, технологӣ-инноватсионӣ иборат буда, ба баланд бардоштани таъмини бехатарии озуқаворӣ, беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона шудааст.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** усулҳои баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа, ки ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои хушсифат ва бо миқдории кофӣ дастрас, бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои мавҷудаи замини кишоварзӣ, инчунин ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ки ҳамчун омили захиравии таъмини бехтарии озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи*** илман асоснок дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат ***пешниҳод гардидааст,*** ки он аз нигоҳи муаллиф ҳамчун ҷамъи захираҳои табиӣ, ки барои истифода дар минтақаи мазкур ва азхуднамоии захираҳои нав бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ, соҳавӣ ва хусусиятҳои хоси минтақавии рушди он муайян карда мешавад;

- ***консепсияи*** истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун унсури муҳимми иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа яке аз нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ, зарурати ҷустуҷӯ ва роҳҳои нави рушди соҳаи кишоварзӣ, сохтори оптималии истифодаи захираҳои замин, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои комплекси агросаноатиро таъмин менамояд;

- ***равиши*** истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ, ки ба таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, танзими бозори озуқаворӣ ва беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст;

- ***татбиқи*** самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа муаяйн гардидааст, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, дастгирии молиявии истеҳсолкунандагони худӣ, танзими бозори озуқаворӣ, самараноки истифодаи захираҳои замину об ва беҳдошти вазъи экологӣ равона мегардад.

- ***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 86,7% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳммамиятнокии он аз ҷониби диссертант иҷро гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми татбиқи сиёсати агрозуқаворechии давлат дар минтақаҳои кишвар, ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ, шаклҳои пешқадами хоҷагидорӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ, таъмини рушди соҳаҳои кишоварзӣ мавриди истифода қарор дода шуда, ба ҷорӣ намудани шаклҳои нав ва пешқадами моликиятдорӣ, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳо мусоидат менамояд;

- дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад;

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, кори комилан анҷомёфтаи илмию тахассусӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона анҷом шуда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад ва мубрам буда, аз аҳамияти назариявию амалӣ бархурдор аст ва дар асоснок намудани ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии танзиму дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1; 7; 9; 11; 13; 19 ва 24-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 аз санаи 31.05.2024 қарори сазовор донистани Расулов Ҷовид Қурбонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла, докторони илм 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: тарафдор - 12 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**

**31 майи соли 2024.**